**Тақриз**

ба диссертатсияи номзадии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи "Асосҳои илмӣ - методи истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мурратаби хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи номзадии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ, ҳамчун нахустин таҳқиқот, дар асоси интихоби осори баргузидаи адибони маъруфи классики тоҷик барои намоиш дондани масъалаҳои назариявии синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8 ва 9 таълиф карда шудааст. Ин кор аз муқаддима, се боб ва панҷ баст иборат буда, ҳар боби он бо пешниҳоди хулосаҳои то андозае қонеъкунанда хотима бахшида шудааст.

Аз ҷумла, дар муқаддимаи кор диссертант басо қотеона кӯшиш ба харҷ додааст, ки мубрамияти интихоби мавзуъ, дараҷаҳои таҳқиқоти доир ба ин кор ба иҷро расонидашударо дар доираи илмиву методӣ баррасӣ намояд. Вале, сарфи назар аз ин, бобати таҳқиқоти мавзуи мазкур мавҷуд будани баъзе норасоиҳоро аз қабили дуруст ба инобат нагирифтани роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои забониву иртиботии хонандагон, ташаккули нутқи шифоҳиву хаттӣ, бахусус, таҳлили синтаксисии дар доираи матни осори классикон интихобшуда, луғатомӯзӣ дар асоси вожаҳои душворфаҳм, супоришҳои системаноки иҷрояшон аз тариқи шифоҳиву хаттӣ ва амсоли инҳо то ҳануз мавриди ҳаллу фасл қарор дода нашудаанд.

Баъдан, диссертант дар муқаддима ба ҷуз дақиқ пешниҳод намудани қисматҳои объекту мавзуи таҳқиқот, марҳилаҳои иҷрои кор, асосҳои методологии таҳқиқоту сарчашмаҳои он бобати дақиқ муқаррар намудани фарзияи кор  ва дар доираи он пешниҳод намудани аз чиҳо иборат будани вазифаҳои асосии таҳқиқот нуктаҳои мушаххасу нишонрасро иброз доштааст. Инчунин, дар қисмати охири муқаддима заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва дар раванди он аз кадом методу усулҳои таълимӣ истифода карда шуданашон низ мушаххас табақабандӣ карда шудаасту нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, баррасии аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, пешниҳоди дараҷаи эътимоднокии кор, саҳми бевоситаи диссертант дар раванди ҳамин таҳқиқот, ниҳоят, теъдоди интишорот ва аҳаммияти амалии кор мушаххасан таъкид карда шудаанд.

Боби аввали кори диссертант "Асосҳои лингводидактии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии сифҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" унвон дошта, дар доираи се фасл, аз ҷумла, дар фасли аввали он оиди вазъи инкишофи нутқи мураттаби

хонандагон дар заминаи таълими синтаксис дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар фасли дуюми кор бошад, пажӯҳиши худро бобати таҳлилу хулосабарорӣ дар иртибот ба маводи назариявии барномаи таълим ва китобҳои дарсии (Забони тоҷикӣ) барои синфҳои 8-9 ва то кадом андоза дар асоси маводи аз осори классикон пешниҳодшуда ба роҳ мондани таълими мавзуъҳои таркибии ҳар фаслу боби, чи синтаксиси ҷумлаҳои сода дар синфи 8 ва чи синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб дар сифи 9, мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор додааст. Аммо дар фасли сеюми боби мазкур диссертант бо овардани далелҳои гуногун аз таҷрибаи кории солҳои тӯлонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият варзиданаш ва, зиёда аз ин, дар доираи иқтибосҳои аз гуфтаҳои педагогҳо, методистон ва забоншиносони ватаниву бурунмарзӣ ба таври қотеъона таъкид менамояд, ки бобати барҷаста намоиш додани масъалаҳои назариявии таълими синтаксис ва дар ин замина инкишоф додани нутқи хаттиву даҳонии хонандагон дар синфҳои 8 ва 9 ҳар чӣ бештар истифода кардани мисолҳо аз осори классикони маъруфи тоҷик зарурати беҳадро дорост. Яъне, мақсади ниҳоии диссертант ин аст, ки дар чунин раванди кор хонандагон ҳам назарияҳои синтаксисиро дар доираи ҳар як мавзуи мавриди назар азхуд менамоянду ҳам ҷанбаҳои ахлоқиву маънавиёташон рушд меёбад.

Боби дувуми кор, ки ба он "Ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони 8-9 дар раванди таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб" унвон гузошта шудааст, дар маҷмуъ, боби боз ҳам мубрамтари таҳқиқоти мазкур маҳсуб меёбад. Боби мазкур дорои ду фасл буда, аз ҷумла, фасли аввалли он, ки ба таълими мавзуъҳои таркибии синтаксиси ҷумлаҳои сода бахшида шудаасту фасли дувуми он фарогири таълими мавзуъҳои таркибии синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб маҳсуб меёбад, аз ибтидо то интиҳои ин ду фасл доир ба аксари мавзуъҳои ба назар намоёни ҳар ду қисмати синтаксис шарҳу эзоҳи масъалаҳои назариявии меъёрӣ (нормативӣ)-ро пурра дар доираи мисолҳои аз эҷодиёти пандомӯзи классикон интихобшуда пешниҳод намудааст, ки ҳамагӣ қобили қабуланд.

Ниҳоят, ба боби севуми диссертант "Таъсиси озмоиши таълимӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи донишҳои наҳвӣ ва нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8 ва 9" унвон гузошта, дар он натиҷаи корҳои таҳқиқотии дар иртибот ба таълими синтаксис ба субут расонидани худро, тибқи таъсис додани озмоишҳо педагогӣ, бахусус, озмоиши таълимӣ ё худ ташаккулдиҳанда дар синфҳои 8 ва 9-и чаҳор муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, тайи солҳои 2020-2021 дар синфҳои 8 ва солҳои 2021-2022 дар синфҳои 9 ҷамъбаст ва хулосабарорӣ кардааст, ки натиҷаи он озмунҳои гузаронидашуда дар доираи гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишии синфҳои 8 "а" ва 8 "б" дар

ҷадвали 20 ва дар синфҳои 9 “а” ва 9 ”б” дар ҷадвали 21 басо дақиқу равшан пешниҳод карда шудааст.

Инак, аз натиҷаҳо ва хулосаҳои ҷамъбастии тибқи озмоишҳои таъсисдодаи диссертант бармеояд, ки фарзия ва вазифаҳои дар муқаддимаи кор баррасишуда, асосан, ҳаллу фасл шудаанд ва ё тасдиқи худро ёфтаанд.

Аз ин лиҳоз, ман, ҳамчун роҳбари илмии диссертант Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна, таъкид менамоям, ки диссертатсияи дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мурратаби хонандагон” баохиррасида ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, худи диссертант Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна сазовори лоиқ шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Шербоев С.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев – 17/6
тел: +992372325000
Email: info@dbzt.tj

Имзои профессор С. Шербоев-ро тасдиқ мекнам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улулғзода — Юсупова Б.Ғ.

3 декабри с. 2025.